# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

## БА ДИССЕРТАТСИЯИ ОЛИМБЕКЗОДА ФАХРИЯ ОЛИМБЕК ДАР МАВЗӮИ "САМТҲОИ АСОСИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН", БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 08.00.07 – МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ

Дар робита ба рушди низоми бонкӣ, густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва васеъгардии доираи амалиётҳову хизматрасониҳои бонкӣ тақозо мегардад, ки хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба талаботи муштариён такмил дода шаванд ва роҳу усулҳои муассири пешниҳоди хизматрасониҳо мавриди коркард қарор гиранд. Низоми хизматрасониҳои бонкӣ аз нигоҳи иқтисодӣ метавонад заминаи мусоиди рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро дар кишвар фароҳам оварад ва ҷараёни муносибатҳои муштариёнро ба ташкилотҳои қарзӣ густариш бахшад. Яъне, шаклу услуб ва тартиби ба низом даровардашудаи хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилоти қарзӣ ва умуман низоми бонкӣ метавонад, ки сатҳи рақобатпазирӣ, даромаднокӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои қарзиро баланд бардошта, доираи муштариёнро васеъ созад. Зеро хизматрасониҳои бонкӣ аз инструменти асосие ба шумор меравand, ки тариқи он тиҷоратӣ бонкӣ татбиқ карда мешавад, даромаднокӣ таъмин мегардад ва нишондиҳандаи асосӣ – талаботи муштариён қонеъ карда мешавад.

Дар заминаи таҳқиқоти диссертатсионӣ паҳлуҳои интситутсионалӣ, назариявӣ ва консептуаливу амалӣ ба риштаи пажуҳиш кашида шуда, ҷанбаҳои муҳими он назири такмилдиҳии самтҳои асосии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст ва дар ин асос ҷиҳати тақвияти низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ тавсияҳои илман асоснок коркард карда шудаанд. Дар ин асос метавонем, ки рисолаи диссертатсионии Олимбекзода Фахрия Олимбекро ҳамчун таҳқиқоти зарурӣ ва мубрам арзёбӣ намоем.

Таҳқиқоти диссертатсионии Олимбекзода Фахрия Олимбек, ки ба баррасиву омӯзиши «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нигаронида шудааст, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқ мебошад.

Олимбекзода Фахрия Олимбек санаи 15-уми октябри соли 1995 дар шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Дар соли 2017 факултаи молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисод ва идораи сайёҳӣ (бакалавр) хатм намуда, пасон

соли 2017 ба зинаи магистратураи ихтисоси болозикр дохил мегардад ва соли 2019 зинани магистратутаро хатм мекунад.

Бинобар сабаби майлу рағбати зиёд доштан ба корҳои илмию таҳқиқотӣ аз 17.01.2020 бо фармоиши №18-05 ҳамчун унвонҷӯ дар пояи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ оғоз мебахшад.

Аз соли 2020 Олимбекзода Фахрия Олимбек дар назди кафедраи кори бонкии донишгоҳи болоқайд ба ҳайси ассистент ба кор қабул гардида, то ба ҳол фаъолияти омӯзгориро идома дода истодааст. Ҳамзамон Олимбекзода Фахрия Олимбек дар шуъбаи тарбияи Донишгоҳи Милии Тоҷикистон ҳамчун сармутахассиси бахши кор бо занон ва духтарони Донишгоҳ кор ва фаъолият менамояд.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Олимбекзода Фахрия Олимбек дар Шурои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17.09.2020, №02, зери роҳбарии н.и.и., дотсент Сайфуров К.Ф. тасдиқ гардида, баъдан, аз 28.10.2023, №03, бо розигии дуҷониба бо Сайфуров К.Ф. роҳбарии Олимбекзода Фахрия Олимбекро н.и.и., дотсент, мудири кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаюров Ғ.Ҳ. ба зимма гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи диссертатсионии Олимбекзода Фахрия Олимбек аз муқаддима, номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, 3 боб, 9 зербоб, хулосаву пешниҳодҳо, тависҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, адабиёти истифодашуда ва феҳристи корҳои нашршудаи муаллиф иборат мебошад.

Дар муқаддимаи мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъалаи мазкур илман арзёбӣ шуда, объект, мавзӯъ, фарзияи таҳқиқот, ҳадафҳо ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ мушаххас карда шудаанд.

Маврид ба ёдоварист, ки дар **боби якуми** диссертатсия Олимбекзода Ф.О. масоили назариявии ташаккули низоми хизматрасониҳои бонкӣ, моҳияти иқтисодии низоми хизматрасониҳо, шаклу усулҳои пешниҳоди хизматрасониҳо ва зарурияти иқтисодии онро мавриди баррасӣ, омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, вобаста ба ин андешаҳои худро иброз доштааст. Дар ин самт, унвонҷӯй низоми хизматрасониҳои бонкиро аз нигоҳи назариявӣ таҳқиқ намуда, консепсияҳо ва назарияҳои ба он марбутро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Бо истифода аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва муҳаққиқони хориҷӣ асосҳои институтсионалии низоми хизматрасониҳои бонкӣ омӯхта шуда, заминаҳои пайдош ва таҳаввулоти он илман асоснок гардидаанд. Илова ба ин, хизматрасониҳои бонкӣ дар ин қисмати диссертатсия таҳқиқ карда шуда, вобаста аз шакл ва намудҳои он гурӯҳбандӣ гардидааст, ки бо ин роҳ унвонҷӯй масоили такмилдиҳии амалиёти бонкиро дар қисматҳои минбаъдаи диссертатсия

роҳандозӣ намудааст. Ҳамчунин, имконияти истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ омӯзиш гардида, ҷанбаҳои муфиди он ҳамчун тавсияҳои илман асоснок пешниҳод карда шудааст, ки метавонад ҷиҳати фарогирии молиявии аҳолӣ ва рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ хизмат менамояд. (саҳ. 18-66).

**Боби дуюми** диссертатсия бошад, ҳолати муосири низоми хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фарогир буда, дар ин қисмат унвонҷӯй бо таҳлили нишондиҳандаҳои омории ташкилотҳои қарзӣ тамоюли рушди онҳоро мушаххас намуда, таъсири сармоягузориҳои низоми бонкиро ба иқтисодиёт муайян намудааст. Бо таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ муайян гардидааст, ки баландбардории сатҳи рақобатпазирӣ дар бозор, таҳкими нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва коркаду пешниҳоди маҳсулотҳои нави бонкӣ, метавонад, ки низоми хизматрасониҳоро дар низоми бонкии кишвар рушд дода, дастрасии аҳолиро ба маҳсулотҳои бонкӣ густурда намоянд. Масъалаи муҳиме, ки дар боби дуюми диссертатсия бештар ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст ва онро ҳамчун самти афзалиятнок дар рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ медонад, тақвияти бонкдории электронӣ арзёб карда мешавад. Дар ин раванд, аҳамияти бонкдории электронӣ ба рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ таҳлил гардида, омилҳои ба он таъсирнок асоснок гардидаанд. Ҳамзамон, дар боби дуюми рисола зарурияти тақвияти технологияи инноватсионӣ дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ таҳлил гардида, тамоюли рушди истифодаи технологияи муосири бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ гардидааст ва дар асоси он бо таҳияи ҷадвалҳо ва расмҳо пешниҳодҳои илман заминадор тавсия карда шудаанд (саҳ.66-122).

**Дар боби сеюми** диссертатсия масъалаҳои такимилдиҳӣ ва дурнамои рушди минбаъдаи низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар ин қисмати диссертатсия роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар низоми хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шуда, усулҳо ва методҳои такмилдиҳии низоми пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ коркард карда шудаанд. Доир ба тақвияти низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ тавсияҳои илман асосн пешниҳод гардидааст, ки метавонанд ба густариши бонкдории инноватсионӣ дар ҳудуди кишвар заминаи мусоид фароҳам орад ва пешрафту тақвияти низоми хизматрасониҳои бонкиро замина гузорад. Зеро ин омил ҳамчун механизми такмилдиҳии низоми хизматрасониҳои бонкӣ баромад намуда, фарогирии молиявиро дар саросари кишвар заминаи муносиб фароҳам меоварад (саҳ.122-169).

Хулосаи диссертатсия фарогири фикру мулоҳизаҳо ва андешаҳои муаллиф доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда буда, дар доираи вазифаҳо ва мақсади гузошташуда пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оварда шудааст, ки аз пажуҳиши амиқӣ ӯ гувоҳӣ медиҳанд (саҳ.170-174).

Феҳристи адабиёт вобаста ба таҳқиқоти анҷомпазируфта таҳия гардида, иқтибосҳо ба таври зарурӣ ҷойгир гардидаанд (саҳ.178-195).

Иштироки унвонҷӯ Олимбекзода Фахрия Олимбек дар конфронсҳои сатҳи донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ низ назаррас буда, ӯ пайваста ба мақолаҳои илмӣ дар ин конфронсҳо баромад намудааст ва натиҷаи дастовардҳои илмиаш дар маҷаллаҳо ба нашр расидаанд, ки собиткунандаи гуфтаҳои боло мебошад. Илова ба ин, шумораи зиёди мақолаҳои илмии Олимбекзода Фахрия Олимбек дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда низ ба нашр расидаанд. Маҷмӯъан шумораи мақолаи нашргардидаи ӯ ба 15 адад мерасад, ки аз инҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расидаанд.

Диссертатсия фарогири ҷанбаҳои муҳими фаъолияти низоми бонкӣ ва тақвиятбахшандаи самтҳои афзалиятноки низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар буда, баҳри пешрафти низоми хоҷагидории миллӣ заминаи муносибаро фароҳам меорад ва бо Стратегия миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи рушди иқтисоди рақамӣ барои давраи то соли 2040, Старатегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то солҳои 2022-2026 робитаи бевосита дорад. Ҳамзамон, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, иҷро шудааст.

Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: б. 10.1 – Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; б. 10.10 – Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; б. 10.15 – Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; б. 10.19 – Методология ва механизми ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ ва б. 10.22 – Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, мувофиқат менамояд.

Бояд зикр кард, ки натиҷаҳои асосии диссертатсияи Олимбекзода Ф.О. дар ҷараёни тадриси фанҳои мухталифи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор мегирад, ки ин бо санади татбиқ тасдиқи худро ёфтааст. Гузашта аз ин, натиҷаҳои илмии диссертатсия метавонанд, ки дар фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷорат, ташкилотҳои аманатию қарзии хурд ва дигар институтҳои молиявӣ мавриди истифода қарор гирифта бошанд.

Саҳми муаллиф бевосита дар таҳияи мақсади таҳқиқот, вазифагузориҳо, объекти таҳқиқот, асосноккунии вазифаҳои гузошташуда ва ҳалли масъалаҳо, то нуктаи ниҳоӣ ва ба охир расонидани муқаррароти таҳқиқот ба марҳилаҳое, ки ба такмилёбии самтҳои асосии низоми хизматрасониҳои бонкӣ замина мегузорад, инъикос меёбад.

Бояд қайд кард, ки диссертатсия ба таври мустақилона ва бо назардошти талабот оид ба навиштани корҳои таҳлилӣ-таҳқиқотӣ иншо гардида, навгониҳо илман асоснок карда шудаанд, ки натиҷаҳои амалии он дар раванди таълим ва истеҳсолот мавриди истифодаи васеъ қарор дорад.

Маҷмӯъан, диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи кори бонкии ДМТ
«23» 10 2025с. Ғаюров Ғ.Ҳ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.: (+992) 93-770-43-49, Email: gayrat-gayurov@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Ғаюров Ғ.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
«23» 10 2025с. Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10, Факс: (+992-37) 227-15-10, Email: **info@tnu.tj**